**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзӯи: «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Файзуллозода Бахтовар Сайфулло соли 2020 ба ҳайси аспиранти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда аст. Ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омузиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро тадқиқ намудаанд нишон дод. Ҳангоми иҷрои рисола ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Файзуллозода Б.С., масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба у имконият дод 10 кори илмӣ аз аз чоп барорад, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда. Аз соли 2011 ба ҳайси муҳандис-иқтисодчии шуъбаи сохтумони “Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе” фаъолияти кориро оғоз намуда, то инҷониб дар вазифаҳои гуногун кор намудааст. Аз соли 2023 то ҳол ба ҳайси сардори раёсати сохтумони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Инчунин Ӯ аз соли 2021 то ҳол ҳамчун устоди ҳамкори кафедраи молияи ДДМИТ дар машғулиятҳои устодони ботаҷриба низ иштирок намуда истода, фаъолияти омӯзгорӣ дорад. Файзуллозода Б.С. дар бахши фаъолияти илмӣ низ масъулият дошта, ҳамасола бо маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок менамояд. Ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун тадқиқотчии илмии ташкилотчӣ, сари вақт иҷрокунанда ва масъулиятшинос нишон дода тавонист, ки ин ба у имконият дод, натиҷаҳои ба дастомадаро ҳаматарафа таҳлил ва шарҳ диҳад, истифода бурдани методҳои зарурии тадқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намуда тавонист.

Мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи тадқиқоти диссертатсионии Файзуллозода Б.С. аз он бармеояд, ки масъалаҳои танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, дар маркази диққати Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ аз руйи ихтисоси - аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз: банди 4.3. Моҳият ва нақши молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ, робитаи онҳо бо дигар бахшҳои иқтисодиёт ва молия; 4.4. Стратегияи дигаргунсозии даромадҳои аҳолӣ ва пасандозҳои муташаккил; 4.5. Тамоюлҳои тафриқасозии рафтори пасандозии хоҷагиҳои хонаводагӣ; 4.6. Арзёбии иқтидори пасандозии хоҷагиҳои хонаводагӣ ва 4.9. Рафтори молиявӣ: вижагиҳои инфиродӣ ва рафтори намунавии одамон ҳангоми қабули қарорҳои характери молиявидошта мувофиқат менамояд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки тадкики сатҳи танзими давлатии рушди низоми андозбандӣ, коркарди консепсияи илмию амалӣ оидба рушди соҳибкории хурду миёна пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии раванди танзими андозбандӣ ва соҳибкории хурду миёнаи кишвар дар рушди иқтисоди миллӣ, аҳамияти баланди назариявию амалӣ дошта, мубрамияти тадқиқотро тасдиқ менамояд, ки барои ҳалли ин муаммоҳо равиши илмӣ-асоснокро тақозо менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки рисола сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Дастовардҳои назариявӣ ва аналитикии муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд. Бандҳои навгониҳои илмӣ, моҳияти тадқиқотро кушода, дар худ иқтидори зиёди илмӣ ва амалию методологӣ дошта, арзиши баланди кори мазкурро тасдиқ менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои муҳими назариявию методологии дар диссертатсия мавҷудбуда, таклифу хулосаҳо, равишҳои асосие, ки дар рафти таҳияи рисола омодашуда ва то таклифҳои амалии ба мақомотҳои идораи давлатӣ расонидашуда, метавонанд дар такмили низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна, коркарди консепсияи илмию амалӣ оид ба рушди низоми андоз мусоидат намоянд.

Дар баробари инҳо, диққати махсусро меарзад, ҷабҳаҳои мусбии кори иҷрогардида, ки мантиқи он бо тартиби зерин сохта шудааст:

Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноккунии коркардҳои илмӣ-методии танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна ва муайян кардани самтҳои такмили механзми танзими давлатии субъектҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешавад, аз инҳо иборатанд:

- Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна бо роҳи ҷалби сиёсати монетарӣ ва риояи қоидаҳои андозбандӣ ҳамчун ҷузъи институтсионалӣ муҳим баромад мекунад, муайян карда шуд;
- Бо роҳи бартараф намудани камомади касри буҷа ва васеъ намудани сармояи умумӣ субъектҳои хоҷагидор заминаи андозбандиро устувор намуда, барои танзими андоз ва суботи молиявӣ таъсири мусбат мерасонанд;
- Механизмҳои таҳлили имкониятҳо оид ба фишангҳои институтсионалии ба илм асосёфта нисбат ба муносибатҳои андоз ва ташкили муносибатҳои молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна такмил дода шуд;
- Механизмҳои институтсионалии танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна коркарда ва пешниҳод карда шуд;

- Бо дарназардошти фаъолияти кластерии аграрию саноатӣ механизмҳои такмили ояндавии танзими давлатии андоз ва устуворгардонии манбаи андоз дар заминаи дастгирии соҳибкории хурду миёна пешниҳод карда шуд;

- Бо мақсади коҳиш додани гаронии умумии андоз ва муфидгардонии он дар сатҳи субъектҳои соҳибкории хурду миёна моделҳои ҳисобии регрессияи давраҷавӣ таҳия карда шуд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, таваҷҷуҳи махсусро равишҳои муаллифи рисола оид ба таҳлили муаммоҳои ҷойдошта ва имкониятҳои ҳал намудани онҳо ишғол менамояд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ омода шудаанд. Дар маҷмуъ рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида дар сатҳи ҳимояи ошкоро ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзӯи: «Танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ-квалификатсионӣ буда, арзиши баланди илмӣ дошта, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда дар Шурои диссертатсионӣ пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ, Академики Академияи**
**байналмиллалии нақлиёти Федератсияи Россия,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**декани факултети молиявию иқтисоди ДМТ** **Иброҳимзода И.Р.**

**Имзои Иброҳимзода И.Р.-ро тасдиқ менамоям,**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«17» Январи с. 2024**